**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-040-и НАЗДИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛО РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**дар бораи диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология**

парвандаи аттестатсионии № 1

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 20-уми декабри соли 2018**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ниёзова Маҳина Тешаевна, додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология.

Диссертатсияи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятӣ ва бадеии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) рӯзи 4 сентябри соли 2018 (қарори № 1) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-040-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИҶТ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Аспирант Ниёзова Маҳина Тешаевна, соли таваллудаш 1980, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ ба ҳайси ходими хурди илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ кор мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** унвонҷӯ, доктори илмҳои филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АИ ҶТ Охониёзов Варқа Дустович мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

**Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода** – доктори илмҳои филология, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

**Раҳимӣ Дилшод Камолзода** – номзади илмҳои филология, муовини директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе), дар тақризи пешниҳоднамудаи худ бо имзои номзади илмҳои филология, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, досент М. Зайниддинов таъкид шудааст, ки таваҷҷуҳ ба ҳаёту фаъолияти Абӯалӣ ибни Сино, аз зумраи масъалаҳои ҳалталаби илми адабиётшиносии тоҷик мебошад ва муаллифи диссертатсия дар муайян намудани чигунагии чеҳра ва хислату хисоли донишманд то андозае даст ёфта, як рисолаи илмии на танҳо хонданбоб, балки барои илми синошиносии муосир заруреро омода намудааст. Маводи зиёди таърихӣ, илмӣ ва бадеии истифодашуда аз камолоти илмии муаллифи диссертатсия маълумот медиҳад.

Дар тақриз баъзе камбудиҳо ва норасиҳои диссертатсия ишора шудааст, аз ҷумла, дар ду боби аввали диссертатсияи илмӣ баъзе масъалаҳои монанд ва зиёдатӣ ба назар мерасанд, ки худдорӣ аз онҳо ба фоидаи кор мебуд (с. 24-36, 50-74); дуюм, муаллиф метавонист фаслҳои аввалу дуюм ва фаслҳои сеюму панҷумро муттаҳид намояд; унвонҷӯ дар истифодаи истилоҳоти сувар ва мусаввара ба ҷои образ, симо ба ҷои портрет, хисол ба ҷои характер ва мисли инҳо баъзан ба омезиш роҳ медиҳад; ниҳоят дар эроди охири тақриз ишора шудааст, ки мувофиқи мақсад мебуд, агар фасли охири боби сеюм бо масъалаи образи соҳириву муъҷизакории Абуалӣ ибни Сино, ки таҳти фасли 6-уми боби дуюми рисола (с. 106-117) таҳлил гардидааст, якҷоя ҳаллу фасл мешуд. Эродҳои номбурда характери ҷузъӣ дошта, арзишҳои амалӣ ва назарии диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Тақриз мусбат аст.

Диссертатсияи Ниёзова Маҳина Тешаевна дар мавзӯи «Муқоисаи шахсияти таърихии Абӯалӣ ибни Сино бо образи ривоятӣ ва бадеии ӯ» тадқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои

филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) мебошад.

Унвонҷӯ 10 номгӯй осори чопшуда дорад, ки аз ин миқдор 1 китоб бо ҳамуаллиифии Д.Обидов ва 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шуда, 4 номгӯйи дигар фарогири мавзӯъ ва муҳтавои асосии диссертатсия мебошанд ва дар маҷмӯаҳои илмии дигар ба табъ расидаанд.

Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссератсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Ниёзова, М. Таърихи омӯзиши ривоятҳои халқӣ тоҷикӣ дар бораи Абӯалӣ ибни Сино / М.Ниёзова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи филология ва шарқшиносӣ №1. 2011. – С. 130-132.
2. Ниёзова, М. Баррасии ақидаҳои тарбиявии Абӯалӣ ибни Сино дар нақлу ривоятҳои тоҷикӣ. / М.Ниёзова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, силсилаи филология ва шарқшиносӣ №4 2011. – С. 107-110.
3. Ниёзова, М. Сурат ва сирати Ибни Сино дар адабиёти шифоҳӣ ва бадеӣ. / М.Ниёзова // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, силсилаи филология ва шарқшиносӣ №1. С. 2018. – С. 161-167.
4. Ниёзова, М. Таҳлили симои таърихии Ибни Сино / М.Ниёзова. // Паёми Донишгоҳи миллӣ № 2. 2018. – С. 209-213.
5. Ниёзова, М. Шахсияти таърихӣ ва образи ривоятию бадеии Абуалӣ ибни Сино / М.Ниёзова // Паёми Донишгоҳи миллӣ № 3. 2018. – С. 216-221.
6. Ниёзова, М. Абӯалӣ ибни Сино ҳамчун табиби ҳозиқ дар ривоятҳои мардумӣ / М.Ниёзова // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ №4 2015. – С. 142-155.
7. Ниёзова, М. Назари устод Садриддин Айнӣ ба нақлу ривоятҳои оид ба Абӯалӣ ибни Сино / М.Ниёзова // Паёмномаи фарҳанг. № 4 (32), 2015. – С. 7-12.

8. Ниёзова, М. Тасвири симои Абӯалӣ ибни Сино дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ / М.Ниёзова // Суханшиносӣ №1. – 2017. – С. 144 -153.
9. Ниёзова, М. Абӯалӣ ибни Сино соҳир ва ё донишманд дар нақлу ривоятҳои тоҷикӣ / М.Ниёзова // Илм ва Ҷомеа. Маҷаллаи академии илмӣ-оммавӣ. Душанбе: Дониш, №1(5) 2017. – С. 210-219.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Умарова Ш. - номзади илмҳои филология, котиби илмии Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мекунад, ки муаллифи фишурдаи диссертатсия кушиш ба харҷ додааст, то ҷойгоҳи шахсияти таърихии Ибни Синоро дар контексти гуногуни маводи фолклорӣ ва адабиёти китобӣ муайян намояд. Унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзӯи интихобнамудааш ба ҳадафи хеш комёб шудааст. Дар баробари нишон додани дастовардҳои илмии унвонҷӯ дар тақриз ба баъзе камбуду ғалатҳои ҷузъӣ ишора шудааст. Дар эроди аввал қайд шудааст, ки дар фишурдаи диссертатсия ҷавобан ба гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба чопи осори Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино, ки дар саҳифаи аввали кор (муқаддима) оварда шудааст, мувофиқи мақсад мебуд, агар мухтасаран дар бобати баргардон, тарҷума, ба нашр омода кардан ва ба табъ расидани чандин ҷилдҳои Осори дастрасбудаи Ибни Сино ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз тарафи олимони Академияи илмҳои Ҷумхурии Тоҷикистон ишорае карда мешуд (саҳ.1).

Дар банди дуюми тақризи фишурда ишора мешавад, ки беҳтар мебуд, агар дар фишурдаи диссертатсия унвонҷӯ баъзе мулоҳизаҳои худро дар бораи робитаи мутақобилаи фолклор ва адабиёти хаттӣ дар мисоли муқоисаи нақду ривоятҳо ва ёддоштҳо оид ба Ибни Сино, ҳамчунин таъсири ҳамдигарии мутуни фолклорӣ ва адабӣ дар заминаи маводи таҳлилкардааш иброз медошт.

Дар эроди сеюм гуфта мешавад, ки муаллиф дар кор доир ба нусха (вариант) ва қаринаҳои нақду ривоятҳои мардумии марбути Ибни Сино, контоминатсияи (махлутшавии) асарҳои фолклорӣ ва нисбат додани як асар

ба шахсиятҳои гуногуни таърихӣ баъзе андешаҳои хешро баён медошт, мувофиқи мақсад мебуд, зеро таҳқиқоти ӯ дар заминаи нақлу ривоятҳои мардумӣ ва ёддоштҳои таърихӣ таълиф шудааст. Ва ниҳоят дар банди охири эрод ишора шудааст, ки дар фишурдаи диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Тақриз мусбат аст.

Қодиров Ғ. номзади илмҳои филология, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ дар тақризи фишурдаи диссертатсия зикр карданд, ки мақсади асосии унвонҷӯ, муайян намудани шахсияти таърихии яке аз нобиғони Шарқ, Абӯалӣ ибни Сино ва муқоисаи шахсияти ӯ бо образи ривоятию бадеии ӯ мебошад. Дар таҳқиқоти илмии унвонҷӯ шакл ва сохтор ба шакли ҷиддӣ оварда шудааст. Ба баъзе камбудиҳои фишурда низ ишора шудааст: дар боби аввалу дуюми фишурдаи диссертатсия ҷумлаҳои такрорӣ дида мешавад. Ва эроди дигар, иборат аз он аст, ки баъзе номҳои олимону муҳаққиқон ба чанд шакл навишта шудаанд (саҳ. 4, 5 ва 9). Тақриз мусбат аст.

Шозиёева Гулмоҳ, номзади илмҳои филология, котиби илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ дар тақризи фишударdaи диссертатсия қайд мекунад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин кори илмӣ ба ҳисоб меравад. Ва якчанд эродро ном мебарад: дар муқаддимаи фишурдаи рисола дар саҳ.2 номи асари Валерий Воскобойников танҳо ба тарзи тарҷумаи тоҷикӣ оварда шудааст. Лозим меояд, ки унвони аслии асар оварда шавад. Ва дар эроди дуюм гуфта мешавад, ки дар фишурдаи диссертатсия фолклоршиноси тоҷик Шакармамадов Н. зикр наёфтааст, ҳарчанд дорои асарҳои зиёде роҷеъ ба фолклоршиносӣ мебошад. Дар эроди охирони тақриз ба фишурдаи диссертатсия ба хатогиҳои техникӣ ишора шудааст (саҳ. 5,7,13 ва 15). Тақриз мусбат аст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интхоби мукарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи таърихи адабиёт, адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муасссиаи тақриздиҳанда яке аз бонуфузтарин муассисаҳои илми соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи адабиётшиносӣ ва фоклоршиносӣ, таърихӣ ва таърихи адабиёти тоҷик хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки унвонҷӯ дар асоси кори анҷомшуда муайян намудани заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино, мушаххас намудани симои таърихии Ибни Сино дар асоси ёддоштҳо ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти ӯ, нишон додани нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусаввараи (образ)-и Ибни Синоро дар доираи маводи гирдовардааш ба таври васеъ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Пешниҳод шудааст, ки омӯзиши амиқи заминаҳои таърихии пайдоиши образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино ва нишон додани нақши ривоятҳо дар муайян намудани шахсият ва мусавварай (образ)-и ӯ яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ ба шумор меравад. Чунин тарзи таҳлилу тадкиқи нақлу ривоятҳо, ёддоштҳо, асарҳои бадеӣ дар бораи Абӯалӣ ибни Сино метавонад минбаъд барои мушаххас намудани симо ва сириштау сиголи дигар намояндагони машҳури фарҳанги тоҷик истифода гардад.

**Аҳаммияти назариявию амалии тадқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки таҳқиқу таҳлили системавии ривоятҳои халқӣ ва осори таърихию тазкиравӣ, дар муайян намудани образ, шахсият, портрет ва характери Абӯалӣ ибни Сино нақш доранд, маводи пешниҳодшуда барои таҳияи китобҳои дарсӣ мувофиқ аст ва инчунин метавонад дар курсҳои махсуси омӯзишии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

Маводи диссертатсияи илмӣ барои таълими ҳаёт ва фаъолияти Шайхурраис ибни Сино дар тамоми сатҳҳои таълим ва дар курсҳои махсуси омӯзишӣ аҳаммияти аввалиндарача дорад. Диссертатсия инчунин барои илмҳои таърих, санъатшиносӣ, рассомӣ ва мардумшиносӣ маводи хуби илмиро дар омӯхтани шахсияти Ибни Сино пешниҳод менамояд.

Мазмуни диссертатсия инчунин дар мавриди навиштани китобҳои таълимӣ метавонад ба инобат гирифта шавад.

Бо дарназардошти мақсади асосии пажӯҳиш ва дар заминаи ҳалли вазифаҳои диссертатсия масъалаҳои асосии зерин барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд: образи ривоятии Абӯалӣ ибни Сино заминаҳои воқеӣ дошта, муҳимтарин хислату ҳунарҳои ӯро муаррифӣ мекунад; ёддоштҳои шогирдону ҳамзамонон ва ҳодисаҳои воқеии ҳаёти Ибни Сино муътамадтарин мавод барои мушаххас намудани симои таърихии ӯ ба ҳисоб мераванд; дар муайян намудани шахсият ва мусаввараи (образ), сиришту хисол (характер)-и Ибни Сино маълумоти тазкираҳо, сарчашмаҳои илмию таърихӣ ва ашъори бадеӣ нақши махсус доранд; ривоятҳои халқӣ ҳамчун муҳимтарин воситаи интиқолдиҳандаи иттилоот дар бораи Сино ба ҳисоб рафта, чун асоси образофаринӣ барои ашъори бадеӣ дар бораи ӯ хидмат кардаанд.

Дар раванди таҳқиқ осори илмии муҳаққиқони хориҷию дохилӣ ба таври зайл мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд: дар баррасии масоили алоҳидаи илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ осори С. Айнӣ, А. Мирзоев, Алимардонов А. ва Додалишоев Ҷ., Гавҳарин С.С., Обидов Д., Рабиев Ҷ., Сагадеев А.В., С. Нафисӣ, Семенов А.А., М. Субҳӣ; дар намунаҳои осор ва ашъори бадеӣ Сотим Улуғзода, В.Воскобойников, М.Қаноат., Д. Обидов; дар намунаи осори таърихӣ Носири Хусрав, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, С. Айнӣ, А.Мирзоев, С.Улуғзода, Раҳим Ҳошим.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар амал барои илми филологияи тоҷик маводи навро дар масъалаи синошиносӣ пешниҳод мекунанд ва барои таҳлили дигар тарафҳои ҳаёт ва эҷодиёти Шайхурраис роҳ мекушоянд. Бар замми ин, усули таҳлили образу портрет дар асоси нақлу ривоятҳо, ки нахустин маротиба ба

таври густурда истифода гардид, метавонад минбаъд барои мушаххас намудани симо ва сиришту сиголи дигар намояндагони машҳури фарҳанги тоҷик истифода гардад.

**Саҳми фардии** муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ анқариб дар муддати 8 сол дар баробари фаъолияти корӣ ба гирдоварии мавод, омӯзиши асарҳои илмӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайянгардида ба кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳои илмиро таълиф намудааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-040-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ АИҶТ рӯзи 20 декабри соли 2018 дар бораи ба Ниёзова Маҳина Тешаевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти тоҷик) мебошанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» - нест, «баргаҳои беэътибор» - нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология,
узви вобастаи АИ ҶТ Раҳматуллозода С.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филология Ҳошимова Х. А.